*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи “Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

Дар давраи рушди муносибатҳои бозорӣ мавқеъ ва муҳимияти чунин вазифаҳои идоракунии корхонаҳо, ба монанди баҳисобгирии муҳосибӣ, банақшагирӣ (буҷетикунонӣ), ояндабинӣ, таҳлил ва назорат бо бозбинии мазмуну мундариҷаи онҳо хеле афзун мегардад. Яке аз воситаҳои муҳими гирифтани иттилооти пурра ва боэътимод оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳо, ки барои идоракунии фаврӣ ба муассисон ва роҳбарияти корхонаҳо, инчунин барои сармоягузорон, шарикони тиҷоратӣ, идораҳои андоз ва молия зарур аст, баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Моҳияти ҷорӣ намудани равишҳои нави пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳо, мутобиқ намудани он ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба тағйирёбии муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ асос ёфта, пешбинӣ менамояд, ки мутобиқи қоидаҳои умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ корхонаҳои соҳаҳои гуногун мустақилона сиёсати баҳисобгирии худро коркард намоянд. Гуфтаҳои боло аз муҳимият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ шаҳодат медиҳад.

Аз афтореферати диссертатсия дида мешавад, таҳқиқот дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Диссертатнт дар асоси таҳқиқи ақида ва мактабҳои гуногун мафҳуми «сайёҳӣ»-ро тавсиф намуда, таъсири онро ба вазъи муосири иҷтимоию иқтисодӣ муайян ва асоснок намуда, таркиби институсионалии сохаи сайёҳиро коркард кардааст (с. 15).

Навгонии дигаре, ки дар автореферати диссертатсия муаллиф пешниҳод намудааст, таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мебошад, ин дар баробари намудҳои баҳисобгирии амалкунанда алоқамандии бевоситаи онҳоро бо сиёсати баҳисобгирии экологӣ асоснок ва коркард намудааст (расми 10, с. 29).

Муносибатҳои бозорӣ ва талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ зарурати баланд бардоштани нақши ташкили назорати давлатӣ, назорати дохилӣ, аудити дохилӣ ва назорати дохилихоҷагиро дар корхонаҳо пешбинӣ менамояд. Маҳз дар сатҳи корхонаи сайёҳӣ, ки маҳсулоти сайёҳӣ тайёр карда мешавад, кадрҳои соҳибихтисос заруранд, ки масъалаи ташаккули арзиши маҳсулоти (хизматрасонии) сайёҳӣ, сарфакорона истифодабарии захираҳо, бо мақсади кам кардани хароҷотро бо истифодабарии техника ва технологияи муосир ба роҳ мемонанд ва назорати онро таъмин менамоянд, ки муаллиф тартиби назорати дохилии объектҳои назоратии корхонаҳои сайёҳиро пешниҳод намудааст(с. 35).

Ғайр аз ин, муаллиф пешниҳоди таҳияи низомнома ё дастури алохида барои муайян кардани арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ, назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро бо мақсади баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ ба мақсад мувофиқ меҳисобад (с. 36).

Муаллиф иешниҳод менамояд, ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисобкунӣ ва назорати арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба талаботҳои **СБҲМ** мутобиқ карда шаванд, ки барои идоракунии босамари иттилоот мусоидат намуда, иттилооти саҳеҳ ва боэътимодро барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ фароҳам оварад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Раҳимов С.Х. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии рушди соҳаи сайёҳии мамлакат, ки ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф гардидааст саривақтӣ ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки унвонҷу ҷанбаҳои асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳо ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои сайёҳиро мавриди таҳқиқ қарор дода, онро бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

1. Муаллиф бартарияти дар корхонаҳои сайёҳӣ истифодабарии талаботҳои **СБҲМ**-ро таъкид намудааст, аммо ин батариятҳоро пурра накушодааст;

2. Дар автореферат пешниҳоди муаллифӣ оид ба бознигарӣ намудани барномаҳои таълимии макотиби олӣ ва миёнаи махсусе, ки муҳосибонро тайёр мекунанд оварда шудааст, лекин роҳҳои ҳалли он нишон дода нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои номбаршуда мазмуну мундариҷаи кори илмиро коста намегардонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгу буда, муаллифи он – Раҳимов С.Х. ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Вакили Маҷлиси намояндагони,
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Раҳматзода Рустам

*Имзои д.и.и., профессор Раҳматзода Рустам – ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.

*Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025,*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,*
*кучаи Рудаки, 44. Тел.:(+992) 555022000)*

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

10.01.25